


*Ҷаҳон бо нур мебояд гирифтан...*

# НУРАФШОН

Ноябри соли 2022, №8 (86) Email: nurafshon2022@mail.ru

Аз моҳи феврали соли 2015

Нашрияи Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон


16-ноябр Рӯзи Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олӣ ва Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

## НАҶОТБАХШИ МИЛЛАТ

***Сухани табрикотии ректори Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон Исозода Диловаршоҳ Тариқ ба ифтихори Рӯзи Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олӣ ва Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон***



Дар даврони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1991 то соли 1992 ду Президент ба таври раъйпурсии умумихалқӣ интихоб шуда буданд (Қаҳҳор Маҳкамов ва Раҳмон Набиев). Соли 1994 бошад дар интихоботи умумихалқӣ мардуми Тоҷикистон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба мансаби Президенти давлат пазируфтанд. Моҳи апрели соли 2016 Маҷлиси Олии кишвар рӯзи 16 ноябрро ҳамчун Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ ва эълон намуд, ки намунаи эътирофу эҳтироми заҳматҳои беназири Пешвои муаззами миллат дар ҷодаи баркарорсозӣ ва устуворсозии пояҳои давлатдории навини тоҷикон мебошад.

Ҳамин тавр, аз оғози эҳёи Тоҷикистони навин, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон манбаи илҳоми ҷомеа ва қутбнамо, асосгузор ва илҳомбахши ғояи ваҳдати миллӣ ҳастанд ва бо ҷаҳду талошҳои ватанпарастонаашон Тоҷикистонро ба сангари ягонаи донишу фарҳанги ҳама порсоён-тоҷикони ҷаҳон, ҷилвагоҳи воқеии фарҳанги рос-тини порсӣ-тоҷикӣ табдил доданд.



Дар лаҳзаҳои барои Ватан ҳассос ва тақдирсоз дар назди ягон ақидае ё фарде ва ё ташкилоте, чӣ дар дохили давлат ва чӣ дар хориҷи он сар нафароварда, бо нияти неки худ содиқ монда, Роҳбару Пешвои воқеии халқи тоҷик буданашонро исбот намуданд.

Тоҷикон баъди зиёда 2300 сол аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шуниданд ва эҳсос карданд, ки онҳо ворисони фарҳангу тамаддуни ниёгони бузурге мебошанд, ки ба оламиён дарси давлатдорию сиёсат, ватанпарастӣ, илму фарҳанг, кишоварзию ҳунармандӣ, далерию шуҷоатмандӣ ва гуманизм-инсондӯстӣ додаанд.

***Дар охир ҳамаи Шумо устодон, кормандон ва донишҷӯёни донишкадаро ба 30-юмин солгарди Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олӣ ва Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон табрику таҳният менамоям. Бигузор дар хонадони ҳар яки Шумо дастархони пурфайзу баракат ва дар кору фаъолиятатон комёбиҳо ҳувайдо бошад.***


“ МОҲИЯТ ВА АҲАМИЯТИ ТАЪРИХИИ КОНСТИТУТСИЯ




“ **ВОХӮРИИ НАМОЯНДАГОНИ ПРОКУРАТУРАИ ВИЛОЯТ**



“ **ЗИҲӢ, ЭЙ ПЕШВОИ МИЛЛАТ**



# МОҲИЯТ ВА АҲАМИЯТИ ТАЪРИХИИ КОНСТИТУТСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Имрӯз дар Тоҷикистон 28-умин солгарди қабули Конститутсияи аввалини давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон ҷашн гирифта мешавад, ки яке аз дастовардҳои бузурги мардуми шарафманди кишварамон ва муҳимтарин рӯйдоди таърихи навини халқи тоҷик мебошад

Баъди ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ 6-уми ноябри соли 1994 бо дастгирию талошҳо ва иродаи устувори халқи тоҷик санади тақдирсоз - Конститутсияи Ҷумхурии Тоҷикистон бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул гардид.




Барои қабули конститутсияи нави давлати соҳибистиқлол, Комиссияи конститутсионӣ бо ташаббуси Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон таъсис дода шуд. Комиссияи конститутсионӣ иборат аз се гурӯҳ буда, аъзои гурӯҳи корӣ мутахассисони сатҳи байналмилалӣ, олимон ва муҳаққиқони соҳаи илмҳои сиёсӣ, ҳуқуқшиносони касбӣ бо такя ба арзишҳои таърихи халқамон, орзуву ормонҳои мардуми кишвар, дарки манфиатҳои миллӣ, таҷрибаи қабули конститутсия дар давлатҳои дигар, эҳтиром ба арзишҳои аз ҷониби умум эътирофшудаи байналмилалӣ, арҷгузорӣ ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва муҳимтар аз ҳама, бо мақсади ҳифз ва таҳкими истиқлолияти давлатӣ ба кори худ шуруъ кард. Чи тавре, ки Пешвои муаззами миллат муҳтарам Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд мекунад: «Қонуни асосии мо, воқеан ҳам, Конститутсияи халқӣ мебошад».

Аҳамияти таърихии Конститутсия дар он аст, ки ин ҳуҷҷати сиёсиву ҳуқуқӣ, ки арзишҳои олии халқи тоҷикро дар худ таҷассум намуда, суннатҳои таърихии давлатдорӣ ва ғояҳои инсондустонаи миллати фарҳангсолори моро инъикос кардааст ва таъмин намудани адолати иҷтимоӣ, волоияти қонуну тартиботи ҳуқуқиро яке аз мақсадҳои асосии фаъолияти тамоми шохаҳои ҳокимияти давлатӣ қарор додааст.

Маҳз дар Конститутсияи соли 1994 эъмори Тоҷикистон ҳамчун давлат дар асоси принсипҳои сохибистихтиёрӣ, демократӣ, ҳуқуқбунёдӣ, дуняви ва ягонагӣ муайян гардида, заминаҳои ҳуқуқии бунёдӣ корҳои давлатдорӣ таҳким ёфт.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз суханрониҳои худ т бахшида ба таҷлили Рӯзи Конститутсия нақши беназири ин санади олии ҳуқуқиро дар таҳкиму тақвияти давлати миллӣ таъкид намуда, аз ҷумла қайд карданд, ки: «Агар ба даст овардани истиқлолият зарурати қабули Конститутсияи давлати муосирро ба миён гузошта бошад, қабули ин ҳуҷҷати муҳими сиёсию ҳуқуқӣ барои бунёди давлати соҳибистиқлоламон заминаи устувор ба вуҷуд овард ва дар раванди таҳкими ҳокимияти давлатӣ ва аркони давлатдорӣ нақши барҷаста бозид».

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон давлатро кафили таъмини соҳибихтиёрӣ ва тамомияти арзии кишвар эълон намуда, дар айни замон, ба хотири ҳимояи ин арзишҳои конститутсионӣ ва ташаккули бонизоми давлати навини тоҷикон, тағйирнопазир будани шакли идораи кишвар, тамомияти арзӣ, моҳияти демократӣ, ҳуқуқбунёдӣ, дунявӣ ва иҷтимоии давлатро аз ҷумлаи мақсадҳои асосии конститутсионӣ эътироф кардааст.

Моҳият ва аҳамияти таърихии Конститутсия дар он аст, ки ин санади сарнавиштсоз барои таъмини сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ замина гузошт ва омили асосии кафолати устувории ҳаёти сиёсии ҷомеаи Тоҷикистон гардид.

Мардуми сарбаланди кишвар дар сатҳи Конститутсия ба ҷомеаи ҷаҳон эълон намуд, ки халқи Тоҷикистон озодӣ ва ҳуқуқи шахсро арзиши олӣ шумурда, баробарҳуқуқӣ ва дӯстии тамоми миллату халқиятҳоро эътироф мекунад ва ҷонибдори бунёди ҷомеаи адолатпарвар мебошад.

Тавассути ин дастоварди олӣ миллати тоҷик ба ҷомеаи ҷаҳон эълон намуд, ки соҳиби давлати соҳибихтиёри худ буда, дар роҳи ҳифзи дастовардҳо кӯшиш менамояд ва рушди давлати миллии хешро ҳадафи асосӣ қарор дода, барои тақвияти он аз ҳама шароиту имкониятҳо истифода мебарад. Арзиши волои Конститутсия боз дар он зоҳир мегардад, ки он ҳамчун нерӯи тавонои ҳуқуқӣ консепсияи муосири ҳуқуқҳои фитрии инсонро мустаҳкам намуда, уҳдадориҳои давлатро оид ба эътироф, риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд муқаррар кардааст.

Мо бояд амиқан дарк намоем, ки Конститутсия ва дар маҷмӯъ ҳама қонунҳо кафили сулҳу субот, воситаи муҳими таъмини озодӣ, адолати иҷтимоӣ ва баробарҳуқуқӣ мебошанд. Дар шароити пуртазоди дунёи имрӯза мо танҳо бо ҳамин роҳ метавонем, ки татбиқи ҳадафҳои неку созандаи пешгирифтаи давлати ҳуқуқбунёду демократии худро таъмин кунем ва заминаҳои адолати иҷтимоиро дар кишварамон тақвият бахшем. Бархӯрди тамаддунҳо, омезиши фарҳангҳо ва вазъи мураккаби баъзе минтақаву давлатҳои ҷаҳон ҳар як фарди бедордил ва бонангу номуси ҷомеаро водор месозад, ки қадру манзалати сулҳу оромиро хуб дарк намояд ва дар доираи Конститутсия ба хотири ободиву пешрафти Ватани маҳбубамон талош варзад.

Дар ин ҷода ба ҳар яки шумо, ҳамдиёрони гиромӣ, ҳисси баланди масъулиятшиносӣ ва ватандорӣ ва рӯҳу илҳоми тоза орзу намуда, Рӯзи Конститутсияи кишвари азизамонро бароятон табрик ва муборакбод мегӯям.

**АБДУАЛИЕВ Бахтиёр**



## *Вохӯрии намояндагони прокуратураи вилоят бо омӯзгорону донишҷӯёни Донишкадаи энегетикии Тоҷикистон*

Дар Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон вохӯрии муовини аввали прокурори вилояти Хатлон, мушовири адлияи дараҷаи I Имомзода Раҳмоналӣ Сайдалӣ ва сардори шуъбаи назорати иҷрои қонунҳо оид ба ноболиғон ва ҷавонони Прокуратураи вилояти Хатлон мушовири адлияи дараҷаи II Гулмаҳмадзода Ҷалолиддин бо кормандон, омӯзгорону устодон ва донишҷӯён доир гардид.



Зимни мулоқот муовини аввали прокурори вилояти Хатлон муҳтарам Имомзода Р.С., бобати коҳиш додани сатҳи ҷинояту ҷинояткорӣ байни ноболиғон ва ҷавонон, даст назадан ба ҳолатҳои коррупсионӣ, пешгирии шомилшавии ҷавонон ба ҳар гуна ҳизбу ҳаракатҳои террористиву экстремистӣ, дуруст ба роҳ мондани таълиму тарбия ва дигар масоили ҳуқуқӣ суханронӣ намуда, инчунин таъкид карданд, ки Раёсати Донишкада, масъулони деканат, кафедраҳо ва роҳбарони гурӯҳҳои академӣ бояд фаъолияти худро дар ин самт боз ҳам хубтару самараноктар ба роҳ монанд.

Дар раванди вохӯрии мазкур як қатор омӯзгорону донишҷӯён фикру мулоҳиза ва пешниҳодҳои худро ҷиҳати пурқувват намудани корҳои таблиғотӣ изҳор намуда, ба пурсишҳояшон аз ҷониби муовини аввали прокурори вилояти Хатлон муҳтарам Имомзода Р.С. посуххои қаноатбахш гирифтанд.

Мушовири ректори Донишкада Ализода А. А., дар баромади худ таъсирбахшу самаранок будани суҳбату муколамаи вохӯрии мазкурро қайд карданд.

Дар анҷоми вохӯрӣ ректори Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон, номзади илмҳои кимиё Исозода Диловаршоҳ Тариқ ба муовини аввали прокурори вилояти Хатлон, мушовири адлияи дараҷаи I Имомзода Раҳмоналӣ Сайдалӣ ва сардори шуъбаи назорати иҷрои қонунҳо оид ба ноболиғон ва ҷавонони Прокуратураи вилояти Хатлон, мушовири адлияи дараҷаи II Гулмаҳмадзода Ҷалолиддин барои ташкили ин вохӯрии судманд арзи сипос намуда, кормандон ва масъулини донишкадаро барои дар миёни коллектив ва гурӯҳҳои академӣ амалӣ гардонидани нуктаҳои асосии суханронии муҳтарам Имомзода Р. С. дастуру супоришҳо доданд.

***«НУРАФШОН»***



# БАРГУЗОРИИ ОЗМУНИ “ИҚТИСОДДОНИ ҶАВОН”

Дар робита бо эълони солҳои 2020-2040 “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” ва дар асоси нақша–чорабиниҳои кафедраи иқтисодиёти соҳавии Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон озмуни “Иқтисоддони ҷавон” байни донишҷӯёни гуногунихтисос баргузор гардид. Озмуни мазкурро муовини ректор оид ба таълим, идораи сифати таҳсилот ва мобилияти академӣ Зувайдуллозода Файзулло ифтитоҳ бахшида, зимни суханронии худ ташкили чунин озмунҳои фаннӣ ва тахассусиро ба фоидаи кор арзёбӣ карда, қайд намуданд, ки ин гуна озмунҳо боиси рӯ овардан ба илму донишҳои муосири риёзӣ ва иқтисодӣ мегарданд.



Дар идомаи озмуни “Иқтисоддони ҷавон” донишҷӯён ва бахшҳои тахассусҳои гуногуни Донишкада ширкат намуданд. Иштирокчиёни озмунро раиси Комиссияи тадорукотӣ номзади илмҳои иқтисодӣ Расул Турсунов ва аъзои Комиссия н.и.и. Холов Раҳмоналӣ, н.и.и. Назарова Назира ва ассисенти кафедраи иқтисодиёти соҳавӣ Юсуфзода Тоҷиддин аз санҷиш гузарониданд.



Иштирокчии озмун Салоҳиддин Абдуллоев, донишҷӯи бахши 3-юми ихтисоси Автоматикунонии ҳаракатоварҳои барқӣ, дар бораи шаффоф гузаштани озмуни мазкур изҳор дошт, ки озмун барои мо донишҷӯён василаи беҳтаринест, ки оянда дар дигар олимпиадаҳои вилоятиву ҷумҳуриявӣ ширкат намоем.

Дар интиҳои озмун гуфта шуд, ки натиҷа ва ғолибони озмуни “Иқтисоддони ҷавон” дар Рӯзи таҷлили иди Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва қадрдонӣ хоҳанд гашт.

***Акмал ҚУРБОНӢ***

# ЗИҲӢ, ЭЙ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

Боиси ифтихору сарфарозист, ки тӯли 31 сол мешавад, ки дар партави сулҳу субот, ваҳдату ягонагӣ ва соҳибистиқлолии Тоҷикистони маҳбубамон умр ба сар мебарем. Воқеан ин сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки шабу рӯз фикрашон ба комёб гардидан, дар сарҷамъ намудани миллат ва ба даст



неъмати бебаҳост, зеро ки дар тӯли ҳазорсолаи таърих расидан ба Истиқлол, Ваҳдату якдилӣ ва муттаҳидӣ ақлу зеҳни тамоми инсониятро ба худ ҷалб менамуд. Аммо расидан ва даст ёфтан ба он кори басо мушкилу пурпечутоб буд ва ҳазорон қаҳрамонон ҷони худро дар ин роҳ фидо кардаву ба мақсад нарасидаанд.

Эъмори ҳар давлатро, бе муҳобот, бидуни оромиву субот тасаввур намудан ғайриимкон аст. Вале бо амри тақдир барои баъзе аз давлатҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ он дар майлонҳои куллан ноозмуда рӯи кор омад, ки таърих мисолашро ёд надорад.

Таърих гувоҳ аст, ки пас аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ яке аз қадамҳои аввалин ва тақдирсоз ин ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ буд. Бо талошу заҳматҳои зиёд санаи 9 сентябри соли 1991 Ҷумҳурии Тоҷикистон Истиқлоли комили худро эълон намуд, ки заминаи нави сиёсӣ ва ҳуқуқиро барои рушди минбаъдаи кишвар гузошт. Вале пас аз ин воқеоти муҳимми таърихӣ ноороми фазои кишвари азизи моро фарогир гашт ва рушду тараққиёти онро ба чандин солҳо ақиб зад. Аммо бо заҳмату кӯшишҳои фарзандони ҷонфидои миллат, монанди Асосгузори овардани якдилию якдигарфаҳмии онҳо равона буд, мо тавонистем аз чанголи ин зуҳуроти харобиовар раҳоӣ ёбем ва ваҳдату сулҳу суботро дар мамлакат побарҷо намоем. Имрӯз самараи ин ҳама кӯшишҳоро мо дар лабханди модарону хоҳарон, оромию ободии мамлакат, дастовардҳои беназири ҳамватанон дар дохил ва хориҷи кишвар, шинохти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун ташаббускори ҳалли масъалаҳои ҷаҳонӣ ва монанди инҳо дида метавонем.

Мардуми шарифи тоҷик бояд дарк кунанд, ки сулҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо дар асоси муносибати таҳаммулпазирии қувваҳои гуногун, баъзан қувваҳои мухолифи якдигар, ҳаракатҳо ва ҳизбҳо устувор нигоҳ дошта мешавад,

Барои ин, давлати дунявӣ, демократӣ, ҳуқуқбунёд бо сиёсати хориҷии кушода зарур аст. Сулҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон дод, ки дар натиҷаи эътироф намудани гуногунрангии шароитҳои зиндагӣ дар кишвар, яъне дар натиҷаи рад кардани ҳокимияти чизе ё дигарон, имконпазир шуд

**КОБУЛОВ Оятулло**


НУРАФШОН

Нашрияи Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон

**Муҳаррир:**
**Қурбонов Акмал**

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**
Исозода Д.Т.
Зувайдуллозода Ф.З.
Обидҷони Ш.Қ.
Шарифова З.Ҷ.
Ализода А.А.

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти №130/РЗ-97 аз 27.03.2019. ба қайд гирифта шудааст.

Ба хотири гуногунандешӣ матолибе низ нашр мешаванд, ки рӯзнома метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.

Рӯзнома моҳе як маротиба дар маркази инноватсионӣ ва парки технологии Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон нашр мешавад.

Нишонии мо: н. Кӯшониён, Ҷамоати шаҳраки Бохтариён, кӯчаи Носири Хусрав 73.

Сомонаи интернетӣ: www.det.tj